# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D. КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (солҳои 1920-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ).

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати академик, доктори илмҳои таърих Яқубов Юсуфшо (раиси комиссия), доктори илмҳои таърих Ҳасанова М.М. ва доктори илмҳои таърих Абдурашитов Ф.М., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 27.03.2025 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳақиқони рус дар омӯзиши этография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (солҳои 1920-2000) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)-ро баррасӣ намуда, аз натиҷааш чунин хулоса баровард:

**1.Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки солҳои 20-ум-90-уми асри XX оид ба урфу одат, анъана, расму оинҳо ва этногенези халқи тоҷик аз тарафи муҳаққиқони рус, аз ҷумла В.В.Бартолд, М.С.Андреев, Г.А.Арандаренко, А.Д.Гребенкин, В.В.Гинзбург, Н.А. Кисляков, А.М. Манделштам, Т.П.Кияткина, Д.Н.Логофет, А.З.Розенфелд, С.П.Русяйкина, Р.Л.Неменова, Л.В.Ошанин, Е.М.Пешерова, А.К.Писарчик, З.А.Широкова ва дигарон таҳқиқоти мардумшиносӣ ва антропологӣ сурат гирифта, ҷанбаҳои гуногуни тарзи зист, урфу одат, эътиқод, оиладорӣ, маданият ва

маърифати зиндагии ниёгони тоҷикон дар асарҳои онҳо инъикос ёфтааст. Баррасии масоили мардумшиносӣ ва антропологии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ дошта, дар шароити соҳибистиқлолии кишвар ба раванди ташаккулёбии худшиносии миллии халқи тоҷик такони тоза мебахшад.

**2.Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Муаллиф дар асоси таҳқиқоти муҳаққиқони рус саҳми муҳаққиқонро дар омӯзиши масоили этнографӣ ва этникиву антропологии аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар солҳои 1920-2000 –ум ҳадаф қарор дода, барои расидан ба ин мақсад ҳалли 6 масъаларо вазифагузорӣ намудааст.

**3. Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираҳои илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он ба саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи мардуми ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар солҳои 1920 – 2000 бахшида шудааст.

4. **Аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон дар таҳия ва навиштани бахшҳои алоҳидаи таърихи халқи тоҷик, инчунин таърихи вилоятҳо ва минтақаҳои алоҳидаи ҷануби Тоҷикистон, хондани курсҳои махсус дар мактабҳои олӣ, ҳангоми таҳияи воситаҳои таълимӣ-методӣ истифода бурд. Мавод ва хулосаҳои рисоларо метавон дар таҳқиқи масъалаҳои мардумшиносӣ ва таърихи этникии Тоҷикистон, инчунин дигар масъалаҳои мубрами таърихӣ ва баланд бардоштани худшиносии миллии халқи тоҷик ва тарбияи ватандӯстии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол самаранок истифода кард.

**5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла

хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

**6.** Диссертатсия ба талаботи банди 51 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ буда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институтa таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ тавсия дода шудааст.

7. Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

8. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои муҳим дар соҳаи таърихи ватанӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

9. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D020303 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд.

10. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ, аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

11. Дар диссертатсияи Шамсияи Тоирхон истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба

расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Асолати матни диссертатсия 91,54% аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият даровара шуданд.

12. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Шамсияи Тоирхон маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи диссертант, фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Комисияи экспертӣ диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳақиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (солҳои 1920-2000)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)-ро баррасӣ намуда, дар асоси талаботи банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267)

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (солҳои 1920-2000) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ), ки ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 –и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ

таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D020303-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич - доктори илмҳои таърих професори кафедраи археология ва диншиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров”.

- Ёғибекова Бека Турдибековна - номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи санъатшиносии Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии “Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон”.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тавсия дода шавад.

4.Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
академик, доктори илмҳои таърих,
аъзои шурои диссертатсионӣ Яқубов Ю.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих,
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҳасанова М.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих,
аъзои шурои диссертатсионӣ Абдурашитов Ф.М

«21»__06__соли 2026